**Шакли намунавии (такмил)**
**пешниҳоди маълумоти ҷамъбастӣ вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи ҳисоботии семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона дар соли 2019**

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои ҷамъбастии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо (дар се, шаш, нуҳ моҳ ва солона) ба ҳисоб гирифта, дар заминаи "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот" арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳоро ба роҳ мондааст, ки аз сохтори зерин ибороат аст:

Сохтори "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот"

1. Маълумоти умумӣ (дар шакли матнӣ бандҳои аз 1 – 23).
2. Нишондиҳандаҳо дар шакли ҷадвал (замимаҳои аз 1 – 45).

**Такмили "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот" дар заминаи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 "Оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1170 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намудани солҳои 2019-2021 ва вазифаҳое, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 вогузор шуда буданд ба роҳ монда шудааст.**

**Сохтори маълумот аз чунин бандҳо бояд иборат бошанд:**

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| **I. САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ** | | | |
| 1. | 1. Маълумот оид ба таъминоти расмиёти ҳуқуқӣ ва шумораи Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суроғаи МИМХД-и шаҳру ноҳияҳо. | 1. Маълумот дар шакли ҷадвали замимаи 1. | Дастгоҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (МИМҲД) |

<table>
<tr><th>№</th><th>Намуди маълумот</th><th>Шакли пешниҳод (замимаҳо)</th><th>Сохтори масъул</th></tr>
<tr><td colspan="4">I. САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ</td></tr>
<tr><td rowspan="3">2.</td><td>2. Маълумот оид ба чараёни ичрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун:<br><br>2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»:<br><br>2.1.1. Раванди амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо;<br><br>2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.<br><br>2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида (банди 59 паём).</td><td>Банди 2.1.1. Маълумот дар шакли ҷадвали замимаи 2<br><br>Банди 2.1.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 3.<br><br>Банди 2.1.3. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 4.</td><td>Дастгоҳи МИМҲД</td></tr>
<tr><td>2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”:<br><br>2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда дар асоси протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.2016 с, №7 банди 4 (оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо)</td><td>Банди 2.2.1. Маълумот дар шакли матнӣ</td><td>Дастгоҳи МИМҲД</td></tr>
<tr><td>2.3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падар ва модар дар таълиму тарбияи фарзанд”:<br><br>2.3.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон (банди 50 паём).</td><td>Банди 2.3.2. Маълумот дар шакли матнӣ</td><td>Дастгоҳи МИМҲД</td></tr>
</table>

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| I. САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ | | | |
| 2. | **2. Маълумот оид ба чараёни ичрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун:**<br><br>2.4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»:<br><br>2.4.1.Шумораи маъракаҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои қонуншиканиҳо, натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда **(банди 59 паём)**. | 2.4.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 5 | Дастгоҳи МИМҲД |
| | 2.5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017 с., №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар Шабакаи интернет»:<br><br>2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо (сомона, почтаи электронӣ ва татбиқи унсурҳои «ҳукумати электронӣ»). | 2.5.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 6 | Дастгоҳи МИМҲД |
| | 2.6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»:<br><br>2.6.1. Гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18), аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20), бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо.<br><br>2.6.2. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сохторҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ оид ба замин, шумораи эътирозҳо, бекор кардани қарорҳо ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ҳолати замин **(банди 57 паём)**. | 2.6.1. 2.6.2. Маълумотдар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО | | | |
| 3. | **3. Маълумот оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷет:**<br><br>3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии солӣ гузашта;<br><br>3.2. Ҳолати пардохти андозҳо аз рӯи ҳар як намуди он;<br><br>3.3 Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияи андозҳо;<br><br>3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат (ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ);<br><br>3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат;<br><br>3.6. Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ;<br><br>3.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 3.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 7<br><br>3.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 8<br><br>3.3.Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 9<br><br>3.4., 3.5. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 45<br><br>3.6., 3.7. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМХД, Раёсати молия, Нозироти андоз |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 4. | **4. Маълумот оид ба таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ** (бандҳои 18, 20 паём): | | |
| | 4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи махсулоти шаҳру ноҳия **(бандҳои 18 ва 20 Паём)**; | 4.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 10 | Дастгоҳи МИМҲД, Раёсати молия, Нозироти андоз |
| | 4.2. Рафти ҷалби маҷмӯи маблағҳои сармояҳо дар доираи лоиҳаҳои татбиқшаванда, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла: сармояи мустақим, рафти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ; | 4.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 11 | |
| | 4.3. Корҳои анҷомдодаи МИМҲД - и шаҳру ноҳияҳо дар амалӣ намудани “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ дар беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” **(банди 20 паём, ҚҲҶТ “Дар нақша чорабиниҳои 300 рӯзи ислоҳот”)**; | 4.3. Маълумот дар шакли матнӣ | |
| | 4.4. Ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзиши ба мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон ва сифати омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ **(банди 18, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 15)**; | 4.4. Маълумот дар шакли матнӣ | |
| | 4.5. Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва ҳаҷми маблағҳои ҷудогардида мувофиқи бонкҳо **(банди 18, 20 паём)**; | 4.5. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 12 | Дастгоҳи МИМҲД, Шӯрои соҳибкорон |
| | 4.6. Ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда; | 4.6., 4.7., 4.8. Маълумот дар шакли матнӣ | |
| | 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда **(ВМКБ, в.Суғд, в.Хатлон)**; | | |
| | 4.8. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | | |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
| --- | --- | --- | --- |
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 5. | **5. Маълумот оид ба рушди соҳаи саноат:**<br><br>5.1. Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсолӣ маҳсулоти асосии саноатӣ аз рӯи намуди маҳсулоти саноатӣ, зиёд намудани ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, раванди содироти маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридивазкунанда **(банди 11 паём, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 1)**;<br><br>5.2. Таъмини самаранокии ва сифати амалӣ намудани барномаҳои қабулгардидаи соҳаи саноат ва лоиҳаҳои сармоягузории ба ин самт равона гардида **(банди 12 паём)**, аз ҷумла “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” **(Нусха аз Протоколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 1)**;<br><br>5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои истеҳсолии нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои кории нав **(банди 12 паём, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 1)**;<br><br>5.4. Баланд бардоштани дараҷаи таъмини корхонаҳои нассоҷӣ бо нахи пахта, пешгирӣ намудани зиёдшавии содиротӣ нахи пахта ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи нассоҷии шаҳру ноҳияҳо **(банди 28 паём)** ва ҳиссаи коркарди пилла, пашм ва пӯст **(Нусха аз Протоколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 1)**;<br><br>5.5. Маълумот оид ба фаъолияти корхонаҳои коркорди маҳсулотҳои ширӣ, меваю сабзавот, нушокиҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ин корхонаҳо **(Нусха аз Протоколи маҷлиси ҲҶТ аз 18.01.2018 с., №1 банди 16)**.<br><br>5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ **(Нусха аз Протоколи маҷлиси ҲҶТ аз 18.01.2018 с., №1 банди 18)**;<br><br>5.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 5.1. Маълумоти дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 13<br><br>5.2., 5.3. Маълумоти дар шакли матнӣ<br><br>5. 4., 5.5. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаҳои 14, 15<br><br>5.6. Маълумоти дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 16<br><br>5.7. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМХД |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| | **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | |
| 6. | **6. Маълумот оид ба рушди энергетика (банди 10 паём):**<br>6.1. Ҳаҷми барқи қабулшуда, шумора ва ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ<br>6.2. Вазъи таъминоти истифодабарандагони қувваи барқ бо ҳисобкунакҳои электронӣ **(банди 10 паём)**.<br>6.3. Рафти пардохти маблағи ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ **(банди 10 паём)**.<br>6.4. Чораҳои андешидашуда барои кам намудани талафоти техникии нерӯи барқ ва фоизи талафот. **(банди 10 паём)**<br>6.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 6.1., 6.2., 6.3, Маълумоти дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 17<br>6.4., 6.5. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМХД |
| 7. | **7. Маълумот оид ба ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат** (банди 3, 10 паём):<br>7.1. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа **(банди 3, 10 паём)**;<br>7.2. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав **(банди 3, 29 паём, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 24)**;<br>7.3. Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо хусусан пахта ва рушди соҳаи тухмипарварӣ **(банди 29 паём, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 6);**<br>7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда **(банди 29 паём);**<br>7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ **(банди 29 паём)**;<br>7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ **(банди 3, 29 паём)**;<br>7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо **(банди 31 паём)**; | 7.1, 7.2, 7.3., 7.4., 7.5, 7.6., 7.7. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 18, 19, 20 | Раёсатҳои кишоварзӣ, кумитаи идораи замин, шуъбаи беҳдошти замин ва обёрӣ |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 7. | **7. Маълумот оид ба ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат** (банди 3, 10 паём):<br><br>7.8. Ҳолати ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонии истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он **(банди 34 паём, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 34)**;<br><br>7.9. Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ (**банди 30 паём**), (тухмипарварӣ, хушзоткунӣ, мубориза зидди малах, картошкапарварӣ ва ғайра).<br><br>7.10. Ба роҳ мондани фаъолияти Ассосиатсияи истифодабарандагони об, механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ-хоҷагӣ ва таъсис додани заминаи моддию техникии онҳо **(ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 34);**<br><br>7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ;<br><br>7.12. Натиҷаҳои таҳлил вобаста ба тавозуни сатҳи зарурӣ ва воқеии истеҳсоли озуқа шаҳру ноҳияҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” **(1 маротиба дар ҷамъбасти сол пешниҳод карда мешавад.)**<br><br>7.13. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 7.8.Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 18<br><br>7.9., 7.10. Маълумот дар шакли матнӣ<br><br>7.11. ва 7.12 Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 21, 22<br><br>7.13. Маълумот дар шакли матнӣ | Раёсатҳои кишоварзӣ, кумитаи идораи замин, шуъбаи беҳдошти замин ва обёрӣ |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| | **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | |
| 8. | **8. Маълумот оид ба рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ;**<br><br>8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ **(ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 27**);<br><br>8.2. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ (дар асоси таъмини нишондиҳандаи БМР 2016-2020).<br><br>8.3. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳанг муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаҳову коргоҳҳои истеҳсолӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ, боғҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаи варзишӣ ва бозиҳои кӯдакон, ҳавзҳои шиноварӣ **(банди 65 паём)**;<br><br>8.4. Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ.<br><br>8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат **(Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**;<br><br>8.6. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он | 8.1. Маълумот дар шакли матнӣ<br><br>8.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 45<br><br>8.3. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 23<br><br>8.4. Маълумот дар шакли матнӣ<br><br>8.5. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 24<br><br>8.6. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМХД, Раёсати сохтмон ва меъмории шаҳр/ноҳия |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО | | | |
| 9. | **9. Маълумот оид ба рушди инфрасохтор ва нақлиёт:**<br><br>9.1. Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо **(ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 7)**;<br><br>9.2. Чораҷӯии МИМХД ҷиҳати кашонидани борҳо тариқи нақлиёти роҳи оҳан аз рӯи хатсайри муайян ва нуқтаи таъминоти борҳо **(ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 7)** ва баланд бардоштани ба хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан **(банди 14 паём);**<br><br>9.3. Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот **(Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ")**;<br><br>9.4. Рафти бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, аз навсозии заминаҳои моддиву техникӣ (воридоти воситаҳои нақлиёт), таҷдиди паркҳои нақлиётӣ **(банди 26 паём);**<br><br>9.5.Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ **(банди 14 паём)**;<br><br>9.6. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он | 9.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 25<br><br>9.2., 9.3. Маълумот дар шакли матнӣ<br><br>9.4. Маълумот дар шакли матнӣ<br><br>9.5. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 26<br><br>9.6. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (МИМҲД) |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО | | | |
| 10. | **10. Маълумот оид ба рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;**<br>10.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба истифодабарии алоқаи мобилӣ ва Интернет, аз ҷумла шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет<br><br>10.2. Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ **(Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”)**;<br><br>10.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 10.1, 10.2, Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (МИМҲД) |
| 11. | **11. Маълумот оид ба вусъати шуғли пурмаъсул:**<br><br>11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ.<br><br>11.2. Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон.<br><br>11.3. Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо;<br><br>11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини “усто – шогирд” ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар **(Нусха аз Протколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 27)**;<br>Эзоҳ: Шумораи “Усто-шогирд” муайян карда шавад.<br><br>11.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он | 11.1., 11.2., 11.3. ва 11.4. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 27<br><br>11.5. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Раёсати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 12. | **12. Маълумот оид ба рушди сармояи инсонӣ (маориф):**<br><br>12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст **(банди 38 паём), (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ")**;<br><br>12.2. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон **(банди 50 паём), (ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 10)**;<br><br>12.3. Фароҳам овардани шароити муосид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ) ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ **(банди 38 паём)**.<br><br>12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон **(банди 38 паём, ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 10)**;<br><br>12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ;<br><br>12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра<br><br>12.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 12.1., 12.2., 12.3, 12.4. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 28<br><br>12.5., 12.6., 12.7. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Раёсати маориф |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
| --- | --- | --- | --- |
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 13. | **13. Маълумот оид ба рушди сармояи инсонӣ (тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ):**<br><br>13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоӣ кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст **(банди 46 паём)**;<br><br>13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ **(дар асоси ҚКҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» моддаи 10)**;<br><br>13.3.Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 **(банди 46 паём)**;<br><br>13.4. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 13.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 29<br><br>13.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 30<br><br>13.3., 13.4. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Муассисаҳои тиббӣ |
| | **Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**<br>13.5. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон **(банди 48 паём, Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**;<br><br>13.6. Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта;<br><br>13.7. Иҷроиши барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ;<br><br>13.8. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод оид ба роҳи ҳалли онҳо. | 13.5. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 31<br><br>13.6., 13.7. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 32 ва 33<br><br>13.8. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Муассисаҳои иҷтимоӣ |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
| --- | --- | --- | --- |
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 14. | **14. Маълумот оид ба вазъи соҳаи фарҳанг:**<br>14.1. Бунёд, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг, инчунин мактабҳои мусиқии бачагон ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо;<br>14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо **(банди 36 паём**);<br>14.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 14.1., 14.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 23 ва 34<br>14.3. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Муассисаҳои соҳаи фарҳанг |
| 15. | **15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**:<br>15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи карзи он);<br>15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст ва ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷӣ, сохибкорони маҳаллӣ;<br>15.3. Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 **(банди 32 паём)**;<br>15.4. Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон **(банди 2 паём)**. | 15.1 Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 35<br>15.2., 15.3., 15.4. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Муассисаҳои коммуналӣ ва хизматрасон |
| | **Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**<br>15.5. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ **(Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”**);<br>15.6. Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия **(дар асоси иҷрои ваколатҳои ММҲД ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист” моддаи 10)**.<br>15.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 15.5., 15.6., 15.7. Маълумот дар шакли матнӣ | |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
| --- | --- | --- | --- |
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 16. | **16. Маълумот оид ба таъмини устувори экологӣ ва рушди устувор**;<br>16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо **(ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 34)**;<br><br>16.2. Корҳои анҷомдода барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда ~~-~~**(ҚКҶТ “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” Моддаи 8)**<br><br>16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард **(Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”)**;<br><br>16.4. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 16.1., 16.2., 16.3., 16.4. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Муассисаҳои ҳифзи муҳити зист |
| 17. | **17. Маълумот оид ба соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиш:**<br>17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон (шумораи умумии ҷавонон) ва дастгирии ҷавонони лаёқадманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо;<br><br>17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешида шуда, барои баланд бардоштанӣ ҳисси ватандустии ҷавонон (махфӣ) **(ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 19)**;<br><br>17.3. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон **(банди 51 паём)**;<br><br>17.4. Нишондиҳандаҳои иншоотҳои соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ.<br><br>17.5. Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ **(банди 51 паём)**;<br><br>17.6. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 17.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 36<br><br>17.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 37<br><br>17.3. Маълумот дар шакли матнӣ ва замимаи 23<br><br>17.4. Маълумот дар шакли матнӣ ва замимаи 38<br><br>17.5., 17.6. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| | **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | |
| 18. | **18. Маълумот оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ:**<br><br>18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 **(банди 34 паём)**;<br><br>18.2. Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон **(ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 18)**;<br><br>18.3. Ташкили ба роҳ мондани муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ, ҳифз, инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳайвоноту наботот ва мероси таъриху фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди сайёҳии экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор **(банди 36 паём, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 1)**;<br><br>18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонӣ сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо;<br><br>18.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 18.1., 18.2. ва 18.3. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 39<br><br>18.4., 18.5. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Намояндаи мақомоти ваколатдор дар соҳаи рушди сайёҳӣ |
| 19. | **19. Маълумот оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ:**<br><br>19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо **(банди 49 паём)**;<br><br>19.2. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 19.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 40<br><br>19.2. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Шӯрои занон |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 20. | **20. Маълумот оид ба ҳолати кор дар самти иттиҳодияҳои динӣ:**<br>20.1. Маълумот оид ба ташкилотҳои динии дар шаҳраку деҳот фаъолиятдошта;<br>20.2. Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (**Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19**);<br>20.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 20.1., 20.2. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 41 ва 42<br>20.3. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Намояндаи мақомоти ваколатдор дар шаҳр/ноҳия Имом – хатибҳо |
| 21. | **21. Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ:**<br>21.1. Ҳолати маблағузорӣ ба бахшҳои хусусии соҳаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияҳо **(банди 8 паём)**.<br>21.2. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст **(банди 3 паём);**<br>21.3. Мушкилиҳои ҷойдошта вобаста ба соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо **(банди 8 паём)**. | 21.1. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 43<br>21.2., 21.3. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Бахши хусусӣ |
| 22. | **22. Маълумот оид ба пешгирии ҳолатҳои ҷиноятӣ.**<br>22.1. Ҷинояти ба қайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо.<br>22.2. Шумораи ҳолатҳои худкушӣ (суитсид) аз ҷумла аз ҳисоби занон ва ҷавонон ва корҳои анҷомдодашуда бо мақсади пешнгирии ин намуди ҷиноятҳо.<br>22.3. Шумораи ҷиноятҳо, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст.<br>22.4. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав.<br>22.5. Корҳои анҷомдодашуда вобаста ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо ва қонунвайронкуниҳо.<br>22.6. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он. | 22.1., 22.2., 22.3., 22.4. Маълумот дар шакли матнӣ ва ҷадвали замимаи 44<br>22.5., 22.6. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД Намояндаи мақомотҳои қудратӣ |

| № | Намуди маълумот | Шакли пешниҳод (замимаҳо) | Сохтори масъул |
|---|---|---|---|
| **II. РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО** | | | |
| 23. | **23. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон:**<br><br>23.1. Маълумот оид ба натиҷаи сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, рафти иҷрои дастуру супоришҳо ва нақша чорабиниҳое, ки ҳангоми сафари корӣ тасдиқ гардида, иҷроишашон дар соли 2019 муайян шудаанд.<br><br>23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд. | 23.1., 23.2. Маълумот дар шакли матнӣ | Дастгоҳи МИМҲД |

**Тавсияҳо:**

1. Маълумотҳо дар асоси нишондиҳандаҳои аз мақомоти оморӣ омодагардида таҳия шуда, тибқи тартиби муқаррагардидаи мақомоти марказӣ дар соҳаи омор суръати рушди нишондиҳандаҳои мазкур бо назардошти индекси нархҳо ё ин, ки нархҳои муқоисавӣ ифода карда шаванд;
2. Таҳлили маълумотҳои дар ҷадвалҳо дарҷгардида дар шакли матнии натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳо бояд инъикос гарданд ва шарҳ дода шаванд (сабабҳои коҳиш ё болоравии онҳо, таъсир ба раванди рушд, чораҳои банақшагирифташуда барои ислоҳ ва ғайра);
3. Нишондиҳандаҳои корҳои анҷомдодашуда бо нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта бояд муқоиса карда шаванд;
4. Ҳангоми пур кардани ҷадвалҳо нишондиҳандаҳое, ки пешниходи онҳо дар нимсола ва солона пешбинӣ гардидааст танҳо дар ин маврид (дар ҳисоботи 6 моҳа ва солона) бояд инъикос гарданд;
5. Инчунин дар шарҳи нишондиҳандаҳои ҳар як соҳа оид ба мушкилиҳои ҷойдошта, вазифагузориҳо, роҳҳои халли масъалаҳо маълумот бояд пешниҳод гардад.